**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 – Омор.**

Бо назардошти он, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2022 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шудааст ва 73% аҳолии кишвар дар деҳот истиқомат мекунанд, тадқиқоти муаммоҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар шароити муосир басо ҳам масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин лиҳоз тадқиқоти омории сатҳи зиндагии деҳот актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Аз омӯхтани автореферати диссертатсияи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дида мешвад, ки якчанд нуқтаҳои нави натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ пешниҳод карда шудааст. Аз ҳафт нуқтаҳои асососии ҳимояшавандаи диссертатсия якчанди онҳо хело ҷолиби диққатанд. Аз ҷумла:

1. Низоми нишондиҳандаҳои интегралии идоракунии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, бо назардошти омилҳои таъсиррасон, тахия ва пешниҳод гардид;
2. Муайян гардид, ки тафриқа дар байни табақаҳои гуногуни аҳолии деҳот ҷойдошта аз нишондиҳандаи миёнаи сатҳи даромадгирӣ фарқ менамояд;
3. Моделҳои гуногуни оморию-риёзии оптималӣ ва муносиби арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, асоснок ва пешниҳод карда шуд;
4. Исбот карда шуд, ки бо назардошти хусусиятҳои хосси сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, арзёбии оморӣ бо воситаи усули таҳлили индексӣ натиҷаи беҳтар медиҳад.

Инчунин дар кори илмии мазкур дурномаи таъғирёбии шумораи аҳолӣ ва таркиби даромадҳои хонаводаҳои деҳоти мамлакат муккамал ва асоснок пешниҳод карда шудааст. Боиси қайд аст, ки афзудани ҷамъи даромадҳо ба

ҳисоби миёна ба як нафар узви хонавода дар деҳот, бевосита ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии онҳо оварда мерасонад.

Ҳамзамон дар кор баназари мо чунин камбудиҳо ба чашм мерасанд:

1. Дар гурӯҳбандии аҳолӣ аз рӯи андозаи пули (диаграммаи 3) даромади аҳолӣ аз ҳисоби воридоти маблоғҳои муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон ба таври муфассал дида баромада нашудааст.
2. Дар тадқиқоти буҷаи хонаводаҳои деҳот каҷхаттаи Лоренс бо намуди функсяҳои математики ифода ва таҳлил нагардидааст.

Ин камбудиҳои овардашуда моҳияти назариявӣ ва амалии кори мазкурро кам нахоҳанд кард. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи пешниҳодшуда таҳқиқоти илмии ба анҷом расонида шуда ҳисоб меёбад ва бешаку шубҳа ҷанбаҳои назариявӣ ва методии нави муаммоҳои таҳқиқшаванда мебошад.

Дар асоси фикрҳои дар боло оварда шуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 – Омор, пешниҳод шуда ҷавобгӯ буда муаллифи ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор шумориадан мумкин аст.

**Тақриздиҳанда: номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба тарбияи Донишкадаи кӯҳи – металлургии Тоҷикистон** **Облоқулов В.М.**

**Имзои Облоқулов В.М. - ро тасдиқ мекунам,**
**Сардори Шӯъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ Донишкадаи кӯҳи – металлургии Тоҷикистон** **Мӯминова Д.М.**

Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон • Донишкадаи кӯҳи-металлургии Тоҷикистон • Шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**735730, ш.Бӯстон, к.Московская, 6**
**Телефон: (+9923451) 5-02-89, 5-01-75**
**E-mail: gmit_tajikistan@mail.ru.**